# ҚОИДАҲО оид ба иштирок дар Викторинаи “Аз ҳарфхо калима бисоз”

Қоидаҳо оид ба иштирок дар «**Аз ҳарфхо калима бисоз** » (минбаъд - «Викторина») аз Контент-Провайдери «**Васпул**», ки аз 01 январи соли 2025 дар Минтақаи хизматрасонии Шабакаи алоқаи кандуии Оператори алоқа - ҶСП «Вавилон-Мобайл» (минбаъд - «Оператор»), ки хизматрасониҳои алоқаро таҳти тамғаи тиҷоратии (тамғаи хизматрасонӣ)-и «Babilon-Mobile» мерасонад ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст, ташкил ва баргузор мешавад. Қоидаҳои мазкур (аз ин пас тибқи матн - «Қоидаҳо») оферта (аз ин пас тибқи матн - Оферта) мебошад, ки барои Муштариёни Вавилон-Мобайл манзур гардидааст.

Истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур мавриди истифода қарор гирифтааст, мутобиқ бо истилоҳоте аст, ки дар Шартнома ба кор бурда шудааст, агар мавриди дигаре мустақиман дар Қоидаҳои мазкур ишора нагардида бошад.

## Фасли 1. Ташкили Викторина

**1.1.** Викторина аз рӯи обуна амалӣ шуда, барои Муштариён пулакӣ аст.

**1.2.** Ҷоизаҳои Викторина танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда мешавад.

**1.3.** Викторина ба Марҳилаҳо (аз ин пас – “Марҳилаҳо”) тақсим шудааст, ки давомнокии ҳар кадоме аз онҳо се моҳ аст. Натиҷаҳои Викторина дар муддати 5 (панҷ) рӯз баъд аз ба охир расидани ҳар як Марҳила, мутобиқи ҳамин Қоидаҳо ҷамъбаст карда мешаванд. Супурдани Ҷоизаҳо баъд аз ба охир расидани ҳар як Марҳилаи Викторина дар муддати 40 (чил) рӯзи тақвимӣ тибқи тартиб ва таҳти шароити пешбининамудаи ҳамин Қоидаҳо ба анҷом мерасад.

## Фасли 2. Иштирокчиёни Викторина

**2.1.** Иштирокчиёни Викторина (аз ин пас – Иштирокчиён) метавонанд шахсони воқеие бошанд, ки Муштарии Оператор буда, бо роҳи гирифтани USSD-фармони *4044# хоҳиши ширкат намудан дар Викторинаро изҳор намудаанд.

**2.2.** Иштироки кормандон, намояндагон ва аъзои оилаи кормандон ва намояндагони Оператор ва Ташкилкунанда дар Викторина манъ мебошад.

**2.3.** Барои Иштирокчиён ҳангоми ширкат намудан дар Викторина манъ мебошад:

- ҳама гуна таҷҳизот, ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ аст (аз ин пас - “телефони мобилӣ”) бо SIM-корти Оператор;
- ҳама гуна воситаҳои барномавӣ, аз ҷумла воситаҳое, ки дар телефон насб шудаанд, ғайр аз воситаҳои барномавие, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики ӯ таҳия ва коркард шудаанд;
- воситаҳои барномавие, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики ӯ барои иштирок дар Викторина таҳия ва коркард шуда, бо ҳама гуна тарзу равиш тағйир дода шудаанд, аз ҷумла бо роҳи дахолат ба рамзи барномавӣ
- ҳама гуна тарзу равишҳо ва воситаҳои дигари автоматикунонии раванди иштирок дар Викторина

**2.4.** Ҳамаи шахсоне, ки ба талабот мувофиқат намекунанд ё худ талаботи бандҳои 2.1-2.3 Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд дар Викторина иштирок намоянд ва наметавонанд барои дарёфт намудани ҷоизаи Викторина довталабӣ кунанд. Дар сурати аз ҷониби Ташкилкунанда ошкор намудани чунин шахсон дар ҳама гуна Марҳилаҳои баргузории Викторина, аз он ҷумла зимни ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супурдани ҷоизаи Викторина, онҳо аз ҳуқуқи дарёфт намудани ҷоизаи Викторина маҳрум мегарданд. Маблағҳои пулие, ки чунин Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар Викторина сарфу харҷ намудаанд, ҷуброн карда намешаванд.

## Фасли 3. Ҷоизаҳои Викторина

**3.1.** Ҷоизаҳои Викторина баъд аз ба охир расидани ҳар як Марҳила ба Иштирокчие, ки дар дараҷабандии ҷамъбастии Марҳилаи Викторина мақоми якум, дуюм ва сеюмро соҳиб шудааст (аз ин пас – "Дорандаи ҷоиза"), супурда мешаванд.

**3.2.** Ҷоизаҳо тибқи фонди муқаррааргардидаи ҷоизавӣ дода мешаванд.

**3.3.** Фонди ҷоизавии ҳар як Марҳала:3 смартфонҳои муосир

## Фасли 4. Тартиби баргузории Викторина

**4.1.** Иштирокчиёни Викторина ҳар рӯз дар давоми ҳар як Марҳила 10 саволӣ барои ҷавоб тавассути СМС аз рақами кӯтоҳи 4044 мегиранд. Вазифаи Иштирокчиён аз он иборат аст, ки ҳар рӯз аз ҳарфҳои омехта ба таври дақиқ ва то имкон аст, ҳарчи зудтар калимаҳо созанд.

**4.2.** Барои иштирок дар Викторина Муштарӣ бояд бо роҳи фиристодани USSD-дархост ба рақами хизматрасонии *4044# (аз ин пас – USSD-дархост) обунаро ба расмият дарорад. Агар Муштарӣ барои ба расмият даровардани обуна ба Викторина амалҳои зарурӣ анҷом дода бошад, аммо дар тавозуни суратҳисоби вай дар шабакаи алоқаи Оператор барои пардохти он маблағи кофӣ вуҷуд надошта бошад, обуна барои чунин Муштарӣ ба расмият даровaрда мешавад (ӯ дар Викторина иштирок намекунад). Ҳангоми дар суратҳисоби чунин Муштарӣ пайдо шудани маблағи зарурӣ барои пардохти обуна, ба Муштарӣ ҷиҳати иштирок дар Викторина омадани саволҳо оғоз мегардад.

**4.3.** Баъди аз ҷониби Муштарӣ ба расмият даровардани обуна аз суратҳисоби вай дар шабакаи Оператор, бобати иштирок дар Марҳилаи дахлдори Викторина пардохт дар ҳаҷми 1(як) сомони бо назардошти ҳамаи андозҳо ситонида мешавад. Дар сурати кофӣ набудани маблағ дар суратҳисоби Иштирокчӣ барои пардохти рӯзи ояндаи Викторина, ӯ дар он иштирок намекунад. Иштироки чунин Муштарӣ дар Викторина баъди аз ҷониби ӯ пур кардани суратҳисоб ва оғози рӯзи навбатии Викторина ба таври худкор барқарор мегардад. Пас аз ҷониби Иштирокчӣ пур кардани суратҳисоби худ иштироки вай дар Викторина ба таври автоматикӣ барқарор мегардад.

**4.4.** Барои он ки Иштирокчӣ Дорандаи ҷоиза гардад ва барои дарёфти ҷоиза довталабӣ кунад, ӯбояд ҳар рӯз ба саволҳои Викторина посух диҳад ва ин корро дар камтарин муҳлат анҷом диҳад. Барои интихоби варианти дурусти посухи савол, Иштирокчӣ дар посух ба SMS-паёмаки омада, рақамро бо посухи дуруст мефиристад. Посухи саволи рӯзи Марҳила то ба охир расидани рӯзи дахлдори тақвимӣ (23:59:59 бо вақти маҳаллӣ) пазируфта мешавад.

**4.5.** Дар давраи баргузории Викторина саволҳо ба Иштирокчиён тариқи SMS-паёмакҳо аз рақами кӯтоҳи 4044 фиристода мешаванд, аз он ҷумла паёмакҳое, ки ба расмият даровардани обунаи Викторинаро тасдиқ мекунанд, оид ба дархостҳои Муштариён огоҳӣ медиҳанд.

**4.6.** Барои ҳар як тамдиди бомуваффақияти обуна/ ҳисоббаробаркунии бомуваффақият, иштирокчиёни викторинаи SMS «Аз ҳарфҳо калима созед» 50 хол мегиранд.

Дар Бозӣ функсияи "Соатҳои хушбахтӣ" мавҷуд маст. Дар ин муддат иштирокчиён барои ҷавобҳои дуруст ду баробар зиёд хол мегиранд (барои ҳар як ҷавоби дуруст ба ҷои 10 хол, иштирокчиён соҳиби 20 хол мешаванд). Пеш аз фарорасии "Соатҳои хушбахтӣ", муштариён SMS- огоҳинома мегиранд.

**4.7** Вақти "Соатҳои хушбахтӣ" ҳар моҳ иваз мешавад.

**4.8.** Дар доираи ҳаққи пардохтшудаи пардохти муштарӣ 1 МАРҲИЛАИ иборат аз 10 савол пешкаш мешавад.

**4.9.** Иштирокчиён метавонанд МАРҲИЛАҲОИ иловагиро ба миқдори номаҳдуди маротиба бо 1TJS /марҳила харидорӣ кунанд. Ҳар рӯз ҳар як даври 6-уми иловагӣ ҳамчун ТӮҲФА дода мешавад

**4.10.** Вақти барои ҷавобҳо дар ҳар як МАРҲИЛА ҷудошуда: 10 дақиқа, 1 дақиқагӣ барои ҳар як савол.

**4.11.** Агар Иштирокчӣ барои идомаи иштирок дар Викторина майлу хоҳиш надошта бошад, барои кофӣ аст, ки аз обуна даст кашад. Барои ин бояд ба рақами*4044*00# USSD -

дархост фиристода шавад. Дар ин ҳолат иштирок дар Марҳилаи навбатии Викторина қатъ гардида ҳисобида шуда, натиҷаи ҷории Иштирокчӣ аз дараҷабандии Викторина хориҷ карда мешавад.

**4.12.** Фармонҳои Викторина:

| Фармонҳои Викторина | | |
|---|---|---|
| **USSD** | **SMS** | **Шарҳ** |
| *4044# | start v1 next | барои ба қайд гирифтан ва барои гирифтани СМС-и иловагӣ баста бо 1 TJS |
| *4044*1# | 1 | барои фаъолсозӣ |
| *4044*2# | info v1 | барои санҷиши тавозуни бозӣ |
| *4044*3# | top v1 | ТОПи иштирокчиён |
| *4044*0# | stop v1 | барои қатъ намоӣ |

**Фасли 5. Дараҷабандии Иштирокчиён ва қоидаҳои муайян кардани Дорандагони ҷоизаҳо**

**5.1.** Баъд аз ба охир расидани ҳар як рӯзи Марҳилаи Викторина, бо дарназардошти дуруст будани посухҳои ҳар як Иштирокчӣ ва вақти сарфшудаи Иштирокчӣ барои посух, дараҷабандии Иштирокчиён тартиб дода мешавад. Баъд аз ба охир расидани ҳар як Марҳила маълумотҳои дараҷабандиҳои ҳаррӯзаи вобаста ба ҳар як Иштирокчӣ ҷамъ карда шуда, дараҷабандии ҷамъбастӣ тартиб дода мешавад, ки дар асоси он Дорандаи ҷоизаи Марҳилаи Викторина муайян карда мешавад. Бо мақсади тартиб додани дараҷабандии ҳаррӯза Иштирокчиёне, ки ба саволи рӯзи Викторина ҳеҷ гуна посух надодаанд, ҳамчун шахсоне дар назар гирифта мешаванд, ки посухи нодуруст додаанд. Ҳангоми муайян кардани вақти сарфшудаи Иштирокчӣ барои посух дар ҳар як рӯзи алоҳидаи Марҳила, вақт аз лаҳзаи посухи аввали Иштирокчӣ ба саволи воридшуда то лаҳзаи посух ба саволи охирини Викторина дар ин рӯз ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ҳисоб гирифтани замони посух бо дурустии то як ҳиссаи миллионии сония анҷом мегирад. Ҳангоми тартиб додани дараҷабандии ҷамъбастии Марҳилаи Викторина дар навбати аввал дуруст будани посухҳо ба саволҳои Викторина ва дар навбати дуюм – суръати посухҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин маънои онро дорад, ки Иштирокчие, ки калимаҳои аз 10 ҳарфи омехтаи викторина пешниҳодшударо дар 10 дақиқа дуруст тартиб додааст, дар рейтинг нисбат ба Иштирокчие, ки калимаҳоро танҳо аз 3 ҳарфи омехтаи дар Викторина пешниҳодшуда дар 2 дақиқа дуруст сохтааст, ҷои баландтарро соҳиб мешавад. Қабл аз оғози Марҳилаи нави Викторина натиҷаҳои пешинаи ҳамаи Иштирокчиён сифр карда мешавад.

**5.2.** Тасдиқ намудани дараҷабандии ҷамъбастии Марҳалаи Викторина аз ҷониби намояндаи Ташкилкунанда анҷом мегирад.

**Фасли 6. Шартҳо ва қоидаҳои дарёфт намудани ҷоизаҳои Викторина**

**6.1.** Баъд аз ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ҳар як Марҳилаи Викторина ба Дорандаи ҷоиза SMS-паёмак бо огоҳӣ дар бораи додани ҷоиза фиристода мешавад ё аз Ташкилкунанда занги телефонӣ ворид мегардад.

**6.2.** Барои дарёфт намудани ҷоиза Ғолиби ҷоизаро зарур аст, ки дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ҷамъбаст намудани натиҷаҳои Марҳилаи Викторина маълумоти шиносномавии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла маълумот дар бораи ҷои қайдро ба Оператор пешниҳод намояд. Маълумотҳои нишондодашуда аз тарафи Ғолиби ҷоиза ба оператор ба суроғаи охирини staff@vaspool.comирсол карда мешавад. Агар Дорандаи ҷоиза дар муддати зикршуда ба Ташкилкунанда иттилоот ва ҳуҷҷатҳои номбаршударо пешниҳод накунад, Ташкилкунанда ҳақ дорад дар бораи ба Дорандаи ҷоизанасупоридани Ҷоизаи Викторина тасмим бигирад.

**6.3.** Иштирокчиёне, ки банди 2.3 Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, наметавонанд Дорандаи ҷоиза гарданд. Ҳолатҳои зерин асос барои хулосабарории Ташкилкунанда оид мавҷудияти чунин вайронкорӣ ба ҳисоб меравад:

- аз ҷониби Иштирокчӣ фиристодани посух ба савол дар муддати камтар аз 3 сония;
- қонуниятҳои ошкоршуда дар даврияти посуххо ба саволҳо, аз ҷумла аз ҷониби Иштирокчӣ фиристодани посуххо бо фосилаҳои баробари замонӣ ва дигар қонуниятҳо;
- дигар маълумотҳои системаи техникӣ, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ва Шарик барои бо ҳуҷҷат асоснок кардани Викторина (логҳо) мавриди истифода қарор мегирад, зимнан маълумотҳои чунин система ниҳоӣ эътироф гардида, наметавонанд аз ҷониби Иштирокчӣ мавриди баҳсу даъво қарор гиранд. Дар ин ҳолат ҷоиза ба он Иштирокчии Викторина мегузарад, ки дар дараҷабандии рӯзи дахлдори Викторина нафари баъдӣ мебошад.

**6.4.** Ташкилкунандаи Викторина дар мавридҳои зерин ҳақ дорад аз додани ҷоиза ба Дорандаи ҷоиза даст кашад:

- Агар Дорандаи ҷоиза бо Ташкилкунанда бо равиши дар банди 6.2 - и Қоидаҳои мазкур зикршуда ва дар мухлати дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур муқарраршуда тамос нагирифта бошад;
- Агар Дорандаи ҷоизаи Викторина ба Ташкилкунанда иттилоот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки дар банди 6.2 ҳамин Қоидаҳо зикр шудаанд, пешниҳод накунад ё ин, ки иттилооти нодуруст ва/ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод намояд (дар сурате, ки Оператор ё Ташкилкунандаи Викторина оиди дуруст будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шакку шубҳае кунанд ва/ё Дорандаи ҷоиза аз шахсан пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ даст кашад, Ташкилкунанда ҳаққи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Чумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуданро барои худ маҳфуз медорад);
- Агар Ғолиби озмун дар Викторина дар давоми соли 2025 бештар аз маротиба 1 ғолиб омада бошад.

Дар ҳолатҳои зикршуда ҷоиза ба Иштирокчии баъдӣ, ки дар дараҷабандӣ ҷой гирифтааст, мегузарад.

**6.5.** Агар дар муддати панҷ рӯз аз лаҳзаи Дорандаи ҷоиза эълон намудан, Дорандаи ҷоиза аз Ҷоиза даст кашад, вай уҳдадор мегардад, ки дар ин бора Ташкилкунандаи Викторинаро бо роҳи пешниҳод намудани аризаи хаттӣ дар бораи даст кашидан аз дарёфти Ҷоизаи Викторина ба идораи наздиктарини Оператор ҷиҳати ирсоли баъдӣ ба Ташкилкунанда, огоҳ намояд. Супурдани ҷоизаи Викторина ба Дорандаи ҷоиза ё Иштирокчии дигари Викторина дар ин ҳолат анҷом намегирад.

**6.6.** Дорандаи ҷоиза барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои андоз вобаста ба дарёфти Ҷоизаҳои Викторина мустақилона масъулият дорад.

**6.7.** Ҳуқуқи гирифтани ҷоиза ба ҷои Дорандаи ҷоиза тибқи тартиби муқарраргардида дар қонунгузорӣ дар асоси ваколатнома иҷозат дода мешавад.

**6.8.** Дорандаи ҷоиза бобати пардохти ҳама гуна андозҳо масъулияти пурра ба зимма дорад.

## Фасли 7. Шартҳои дигар

**7.1.** Муштарие, ки USSD -дархости нахустинро ба рақами хизматрасонии *4044# анҷом медиҳад, ризояти пурра ва бечуну чарои худро бо Қоидаҳои Викторина тасдиқ мекунад, кафолат медиҳад, ки синнаш ба 18 расидааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва Муштарии вобаста ба Шартномаест, ки бо Ташкилкунанда бастааст ва ҳамчунин ин маврид, ки ӯ тахти меъёрҳои дигари Иштирокчӣ, ки дар фасли 2 Қоидаҳои мазкур зикр гардидаанд, қарор мегирад. Аз ҷониби Муштарӣ фиристодани аввалин USSD-дархост ба рақами хизматрасонии *4044# боиси ворид шудани тағйирот ва/ё илова ба Шартнома мегардад, ки Ташкилкунанда онро бо Муштарӣ бастааст.

**7.2.** Қоидаҳои мазкур аз 01 январи соли 2025 эътибор пайдо карда, то лаҳзаи аз ҷониби Ташкилкунанда тағйир додан ё қатъ намудани фаъолияти онҳо амал мекунанд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи дар огоҳии дахлдор нишондодашуда тағйирдодашуда ё бекоршуда ҳисобида мешаванд.

**7.3.** Агар Иштирокчӣ ба суроғаи Ташкилкунанда дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи тағйир ёфтан ва/ё қатъ гардидани шартҳои Қоидаҳои мазкури Викторина тибқи банди 7.2 Қоидаҳои мазкур раддияи пазируфтани тағйирот ва/ё қатъ гардидани шартҳоро нафиристода бошад ва ҳамчунин агар амалҳоеро оиди идома додани иштирок дар Викторина, ки тавассути Ташкилкунанда таҳти шартҳои нав баргузор мешавад, анҷом дода бошад, баъд аз эътибор пайдо кардани тағйирот ва/ё қатъ гардидани шартҳо, аз ҷониби Иштирокчӣ пазируфташуда ҳисобида мешаванд.

**7.4.** Бо иштирок дар Викторина Иштирокчиён ризояти худро медиҳанд: барои дарёфти реклама дар шакли SMS- ва USSD-паёмакҳои вобаста ба Викторина ва ҳамчунин ризоят медиҳанд, ки Ташкилкунандаи Викторина ва Шарик ва инчунин шахсони аз ҷониби онҳо ҷалбшуда бо мақсадҳои баргузории Викторина, байни ҳам мубодилаи иттилоот менамоянд, аз ҷумла иттилоотеро, ки бо ширкат намудани Иштирокчӣ дар Викторина алоқаманд аст, коркард хоҳанд намуд (аз ҷумла иттилооте, ки ба маълумоти шахсии Иштирокчиён марбут аст ва мундариҷаи USSD-паёмакҳои Иштирокчиён); дар ҳолати дарёфт намудани ҷоизаи Викторина ному тасвирҳои онҳо, аз ҷумла аксҳои онҳо, мусоҳибаҳо ва ҳамчунин иттилооте, ки аз ҷониби Иштирокчӣ ба Ташкилкунанда пешниҳод шудааст, метавонанд аз ҷониби Ташкилкунанда бо мақсади огоҳонидани шахсони сеюм дар бораи баргузории Викторина, бе ризояти иловагии Иштирокчиён ва бе пардохти ягон навъи подош мавриди истифода қарор гиранд.

**7.5.** Зимни иштирок дар Викторина Муштарӣ ҷиҳати аз ҷониби Ташкилкунандаву Оператор ва ҳамчунин аз ҷониби шахсони сеюми аз ҷониби Ташкилкунанда ҷалбшуда бо мақсади баргузории Викторина анҷом додани амалҳо оид ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, пешниҳод намудан ба шахсони сеюм, коркард ва истифодаи маълумотҳои шахсии чунин Иштирокчӣ барои барқарор намудани тамос бо Иштирокчӣ дар доираи Викторина, аз ҷумла тариқи шабакаҳои алоқаи барқӣ ва ҳам канали мубодилаи SMS-паёмакҳо ва почтаи электронӣ ризояти ихтиёрии худро медиҳад. Анҷом додани чунин амалҳо аз ҷониби Ташкилкунанда, Оператор ва шахсони ҷалбшуда, аз онҳо гирифтани ҳар гуна иҷозат аз Иштирокчӣ ва огоҳониданҳои махсуси Иштирокчиро оид ба анҷом додани амалҳои зикршуда талаб намекунад. Ин гуна ризояти Иштирокчӣ дар давраи баргузории Викторина ва 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ пас аз ба охир расидани он, тибқи тасмими Ташкилкунанда ё баъди аз обунаи Викторина баромадани Иштирокчӣ амал мекунад. Иштирокчии Викторина ҳақ дорад ризоияти худро ҳангоми аз обунаи иштирок дар Викторина баровардани худ тибқи тартиби муқарраршуда бозхонад ё дар ин бора дар огоҳии пешбинишудаи банди 7.4 Қоидаҳои мазкур ишора намояд.

**7.6.** Ташкилкунанда/Оператор бобати нуқсон дар кори таҷҳизот ва/ё таъминоти барномавӣ, ки дар доираи масъулияти Ташкилкунанда/Оператор қарор надорад ва/ё бобати пеш аз муҳлат қатъ гардидани Викторина бо сабабҳои ҳолатҳои новобаста аз Ташкилкунанда/Оператор (ҳолатҳои нерӯи рафънопазир) масъулияте ба зимма надоранд.

**7.7.** Ташкилкунанда/Оператор барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ вобаста ба баргузории Викторина масъул нест, агар чунин иҷро накардан дар натиҷаи нобуд шудани маълумотҳои шахсии Иштирокчӣ дар натиҷаи бозхондани онҳо аз ҷониби Иштирокчӣ рӯй дода бошад.

**7.8.** Иштирокчиён ҳамаи хамаи хавфҳои марбут ба риоя нашудани шартҳои Қоидаҳои мазкурро мустақилона ба зимма доранд. Хароҷоти Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар Викторина барои Иштирокчиёне, ки Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, ҷуброн карда намешавад.

**7.9.** Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз додани ҷоиза даст кашад, агар Иштирокчии Викторина Қоидаҳои Викторинаро вайрон карда бошад ё барои дохил шудан ба рӯйхати довталабони унвони Ғолиби Викторина амалҳои қаллобӣ содир карда бошад.

**7.10.** Иштирокчиён тамоми хавфҳои вобаста ба тавассути онҳо риоя накардани шартҳои Қоидаҳои мазкурро мустақилона ба зимма доранд. Хароҷоти Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар Викторина барои Иштирокчиёне, ки Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, ҷуброн карда намешавад.

**7.11.** Барои Иштирокчиён ҳангоми ширкат намудан дар Викторина истифода бурдани ҳама гуна таҷҳизот, ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ бо SIM-корти Оператор (аз ин пас - “телефони мобилӣ”) ба ҳисоб меравад, манъ аст.

**7.12.** Иштирокчиёни Викторина, ки бо талабот мувофиқат намекунанд ё талаботи бандҳои Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд дар Викторина ширкат кунанд ва наметавонанд барои дарёфти ҷоиза Викторина довталабӣ кунанд. Дар ҳолати аз ҷониби Ташкилкунанда ошкор намудани чунин шахсон, дар дилхоҳ Марҳилаҳои Викторина, аз ҷумла ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супурдани ҷоизаи Викторина, онҳо аз ҳуқуқи дарёфти Ҷоизаи Викторина маҳрум мегарданд.

**Фасли 8. Маҳдудияти масъулияти Оператори алоқаи мобилӣ 8.1.** Оператори алоқаи мобилӣ Ташкилкунандаи Викторина намебошад ва барои амалҳои Ташкилкунанда вобаста ба ташкили Фонди ҷоизавӣ ва гузарондани Ҷоизаҳои Викторина ба Дорандагони ҷоизаҳо ва ҳамчунин бобати ҳама гуна оқибатҳои ин амалҳо, ки мустақим ё ғайримустақим ба шахсони сеюм дахл доранд, масъул нест.

**8.2.** Бо фиристодани SMS-паёмак дар доираи Викторина Иштирокчӣ (Муштарӣ) Операторро ваколатдор месозад ва ризояти худро барои ба Ташкилкунанда пешниҳод намудани иттилооти шахсии Иштирокчӣ (Муштарӣ) тасдиқ мекунад, яъне: рақами телефоне, ки аз он SMS-паёмак фиристода шуда буд, насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ (Муштарӣ), матни SMS- паёмак ва ҳамчунин сана ва замони ирсоли он.

**8.3.** Оператор ҳеҷ гуна иттилооте вобаста ба Викторина пешниҳод намекунад. Тамоми саволҳо ва даъвоҳо оид ба баргузории Викторина ба Ташкилкунанда тариқи иттилооти тамосӣ, ки дар зербанди 9.2. Қоидаҳои мазкур зикр шудааст, фиристода мешаванд.

**8.4.** Оператор имконияти фиристодани SMS-паёмакро фақат дар доираи минтақаи фарогири шабакаи Оператор фароҳам меоварад.

**8.5.** Ҳангоми иштирок дар Викторина Иштирокчӣ (Муштарӣ) пазируфтани шартҳои маҳдудияти масъулияти Операторро тасдиқ менамоянд.

## Фасли 9. Даъвоҳо ва муҳлати амалкарди онҳо

**9.1.** Бо мақсади пешгирӣ аз вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, Викторина бо риояти ҷиддии тамоми меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон баргузор мегардад.

**9.2.** Ҳама гуна даъвоҳо оиди баргузории Викторина ба e- mail: staff@vaspool.com фиристода мешавад. Санаи бақайдгирии даъво санаи дарёфти он ҳисобида мешавад. Иштирокчӣ бояд ба таври муфассал ва возеҳу равшан моҳияти даъворо баён кунад.

Даъвобоядшомили насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ, рақами телефон барои тамос ва рақами телефоне, ки аз он SMS-паёмак фиристода шуда буд, мундариҷаи SMS-паёмак, сана ва замони ирсоли SMS-паёмак, суроғаи электронии Иштирокчӣ ҷиҳати ирсоли посух ба даъвои ӯ бошад.

**9.3.** Дар сурати норозӣ будани Иштирокчӣ бо дурустии посухҳо ба саволҳои Викторина, Иштирокчӣ бояд дар шакли хаттӣ даъворо бо зикр намудани мундариҷаи савол, посухи система, посухи ба назари ӯ дуруст ва истинодҳо

ба сарчашмаҳои расмӣ, ки дар онҳо ин посух ба саволи додашуда зикр шудааст, изҳор намояд.

**9.4.** Дар сурати аз ҷониби Иштирокчӣ исбот намудани дурустии посухи худ, барои Иштирокчӣ ба таври илова X хол ба ҳисоби умумӣ зам карда мешавад.

**9.5.** Тамоми даъвоҳо дар давоми 10 рӯз аз санаи дарёфти онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**9.6.** Ташкилкунанда даъвоҳоро бо такя бар Қоидаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**9.7.** Ташкилкунанда барои эҳтимолияти вуҷуд надоштани гирифтани Ҷоиза бо гуноҳи Иштирокчии ғолиби Викторина масъулияте ба зимма надорад.

**9.8.** Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи чоп шудани онҳо дар сомонаи интернетии Оператор **www.babilon-m.com.** эътибор пайдо мекунанд. Муштариён оиди тағйирот ё қатъ гардидани амали Қоидаҳои мазкур бо роҳи нашр намудан дар сомонаи интернетии Оператор **www.babilon-m.com.** дар муҳлати на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ то эътибор пайдо кардани чунин тағйирот огоҳӣ карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи зикршуда дар огоҳии дахлдор тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд. Агар баъд аз эътибор пайдо кардани тағйирот Муштарӣ ба суроғаи Ташкилкунанда дар муддати 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи нашр гардидани тағйироти Қоидаҳо раддияи пазируфтани Қоидаҳои тағйийирёфтаро нафиристода бошад ва ҳамчунин амалҳоеро оиди идома додани иштирок дар Викторинаи «**Аз ҳарфхо калима бисоз**»-ро, ки тавассути Оператор таҳти шартҳои нав баргузор мешавад, анҷом дода бошад, баъд аз эътибор пайдо кардани тағйирот ин гуна тағйирот ҳамчун пазируфташуда аз ҷониби Муштарӣ ҳисобида мешаванд.